Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи илмии Маҷидов Парвизҷон Имомназарович, дар мавзӯи *«Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим»* барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D 050307- Психологияи педагогӣ)**

**Дар мубрамияти таҳқиқоти илмии** Маҷидов Парвизҷон Имомназарович возеҳ шарҳ дода шудааст, ки таълму тарбияи насли наврас имрӯз дар ҷомеа мушкилоти асосӣ ба ҳисоб меравад. Барои хонандагони хурди мактабӣ баланд бардоштани сатҳу сифати инкишофи муошират шарти асосии мутобиқшавии инсон ба муҳити иҷтимоӣ ҳисобида мешавад. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ эътирофи арзишҳои хонанда, бахусус хонандаи синни хурди мактабӣ, инчунин дар ташкили шароитҳои зарурӣ барои инкишофи маҳорату малака ва қобилияти муошират ӯ низ мавқеи намоён дошта бошад. Инкишофи қобилиятҳои муоширатӣ тадриҷан, ба ташаккули ҳисси эътибор, шаъну шараф, комилият ва ягонагиву нотакрории шахс, аз ҷумла хонандаи хурдсол мусоидат мекунад.

Инкишофи муоширати кӯдак аз оила ва муассисаҳои томактабӣ оғоз гардида, дуруст ба роҳ мондани он боиси мустаҳкам гардидани донишҳои фундаменталии ӯ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ мегардад. Ҳамзамон, дар фаъолияти минбаъдаи он таъсири мусбӣ мерасонад. Ин гуфтаҳоро муҳақиқ бо такя ба усулҳои психологӣ ва педагогии олимони соҳавӣ шарҳу тавзеҳ додааст. Инчунин, як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ аз қабили «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва ғайраро ҳамчун маҳаки асосӣ тавсия додааст.

Маҷидов Парвизҷон Имомназарович, ҷабҳаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқотии худро доир ба истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим мавриди таҳлил қарор дода, консепсияи инкишофи муошират ба воситаи нутқи хонандагони синни хурди мактабӣ, ки дар таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ аз қабилӣ А. В. Запорожетс, А. Н. Леонтев, Д. Б. Элконин, Ж. Пиаже, Л. С. Виготский, С. Л. Рубинштейн ва диг.; назарияи инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ, ки дар рисолаҳои илмии М. М. Алексеев, Ф. А. Сохин, Е. И. Тихеева, О. С.

Ушакова, В. И. Яшина, А. Г. Арушанова, Т. И. Гризик, 3. К. Тарланов ва диг.; назарияи педагогии инкишофи муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ, ки дар пажуҳишҳои Г. Н. Волков, А. А. Григорева, Д. А. Данилов, Н. Д. Неустроев, И. С. Портнягин, А. Д. Семенова, К. Д. Уткин, К. С. Чиряев, А. Абдуқодиров, Р. Иззатуллоев, Л. М. Иматзода, Д. И. Каримова, М. Лутфуллоев, Б. Маҷидова, Н. Н. Насруллоева, Я. К. Одинаева, А. Раҳмонов, А. Шарофов ва дигарон инъикос ёфтааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзӯҳои илмӣ:** Таҳқиқоти Маҷидов П. И. дар доираи нақшаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, мазмун ва мундариҷаи он бо барномаҳои таълимии ихтисосҳои психологӣ ва педагогӣ робитаи зич дорад.

Тавре, ки дар банди сохтор ва ҳаҷми диссертатсияи автореферат нишон дода шудааст, ҳаҷми умумии диссертатсия аз **172** саҳифаи чопӣ компютерии бо ёрии протсессори матнии Microsoft Word ҳарфчиншуда иборат буда, **12** расму диаграмма ва **4** ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар ду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири **166** номгӯйи адабиётро дарбар мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳамият ва зарурати интихоби мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиш ва навоварии илмии он асоснок карда шудааст, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор нишон дода шудааст, нуктаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда, тасдиқ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот зикр гардидаанд.

Навгонии илмии таҳқиқотро бо панҷ банди алоҳида аз қабили ҷабҳаҳои инкишоф ва тартибу меъёрҳои муошırати психологию педагогии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, робитаи онҳо бо омӯзгорону ҳамсолонро бо далелҳои мусбӣ пешниҳод намудааст.

**Боби якуми диссертатсия** *«Асосҳои назариявии хусусиятҳои муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ»* ном дошта, се зербоб ва хулосаи боби якумро дар бар мегирад, ки он муошират ва масъалаи муҳимми таҳқиқоти психологию педагогиро дар раванди таълим фаро гирифтааст.

Ҳамчунин, хусусиятҳои инкишофи психологӣ-педагогии хонандагони синни хурди мактабиро ба қонунҳои инкишофи психика заминаҳо, шароитҳо ва омилҳои ба инкишофи психикаи бачагон таъсирбахшандаро мавриди таҳлили амиқ қарор додааст. Дар баробари ин омилҳои назариявии психологияи муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ дар ҷараёни таълимро, ки муҳаққиқон се самти калидии инкишофи психикии кӯдаконро дар гузариш аз синни томактабӣ, ба синни мактабӣ

муайян кардаанд: азхудкунии рафтори ихтиёрӣ, воситаҳо ва намунаҳои фаъолияти маърифатӣ, инчунин гузариш аз эгосентризм ба десентратсия номидаанд, возеҳ дарҷ намудааст.

***Боби дуюми диссертатсия*** *«Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогии инкишофи муошрати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим»* номгузорӣ шуда, ду зербобро дар бар гирифтааст, ки баррасии озмоиши истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи шароитҳои психологӣ – педагогӣ дар ҷараёни инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълимро фаро гирифтааст.

Ҳамчунин, корҳои таҷрибавӣ, пурсишу саволгузориҳоро дар ин боб ба анҷом расонидааст, ки нишондодҳои онҳо возеҳу равшан бо диаграммаҳо ва графикаҳои гуногун шарҳ дода шудаанд.

Дар автореферат натиҷаҳои асосии диссертатсия дуруст инъикос гардидаанд, инчунин пайдарпаиҳои навишти мантиқӣ доштаи он дар сатҳи зарурии илмӣ мураттаб шуда, мазмун ва мӯҳтавои таҳқиқоти гузаронидашударо дарбар мегирад.

Аз авторефират маълум мегардад, ки мундариҷаи асосӣ натиҷаҳои таҳқиқоти дессертатсионии Маҷидов П.И. дар 13 номгӯи корҳои илмӣ инъикос карда шудааст. Аз ин номгӯ 6 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 – адад дар конфорсҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ба нашр расонидаро ташкил медиҳанд.

Нуқтаҳо ва хулосаҳои автореферат бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд. Онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқотӣ бо пайвандҳои байниҳамдигарии худ ва ягонагии дохилии диссертатсия шакл гирифта, дар доираи назарияи психологӣ ва педагогӣ саҳми босазо гузошта метавонанд.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки таҳқиқотеро, ки аз тарафи Маҷидов П.И. ба анҷом расонида шудааст, аз нигоҳи назариявию амалӣ таҳқиқоти зарурӣ ба ҳисоб рафта, барои истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим саҳмгузор мегардад.

Ҳамин тариқ, кори илмии Маҷидов Парвизҷон Имомназарович, дар мавзӯи ***«Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муошрати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим»*** ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз

намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D 050307- Психологияи педагогӣ) сазовор мебошад.

Тавре , ки маълум гардид, дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат норасоиҳо низ ба чашм мерасанд. Якчанд нуқтаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Хуб мешуд, ки докторант мафҳуми "шароитҳои психологӣ-педагогӣ"-ро равшан менамуд. Дар автореферат бояд аниқ муайян карда шавад, кик адом омилҳо ҳамчун шароитҳои психологӣ ва педагогӣ баррасӣ мешаванд.
2. Хуб мешуд агар сатҳ ва меъёрҳои инкишофи муошират муайян мешуд – Чӣ гуна муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ арзёбӣ ва инкишоф дода мешавад?

**Тақриздиҳанда: д.и.п.,**
**Академик** **Каримова И.Х.**

**Имзои Каримова И.Х.**
**Тасдиқ мекунам**
**ШК академияи таҳсилоти**
**Тоҷикистон** **Саидова М.**
05.02.2025